# ХУЛОСАИ

комиссияи квалификатсионии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075, дар назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон амалкунанда, аз рӯйи маводҳои Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, пешниҳод кардааст.

Дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 аз 23 сентябри соли 2024 комиссия дар ҳайати доктори илмҳои кишоварзӣ, Эргашев Д.Д. (раис), номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов С.Қ (аъзо) ва номзади илмҳои кишоварзӣ, Отаева М. (аъзо) диссертатсия, автореферат, маводҳои ибтидоӣ ва мақолаҳои илмии унвонҷӯй Ҷамшедзода Х.Ҷ.-ро аз назар гузаронида, ба чунин хулоса омад:

Диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ” таҳти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҳимов Шарофҷон Тоирович ба иҷро расонида шудааст. Ин мавзуи илмӣ дар асоси барномаи комплексии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба чорводорӣ (рақами ба қайдгирии давлатӣ РКД: 0116TJ00549) анҷом дода шудааст.

**Хулосаи диссертатсия аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷааш ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм мувофиқат мекунад. Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 ҳуқуқ дода шудааст, ки онро барои ҳимоя қабул кунад.**

Таҳқиқотҳои илмӣ дар ҳудуди ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ва ҳуҷҷати расмии КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои кишоварзӣ) гузаронида шудаанд:

б.12. Муайян намудани ҳолати муосири сохтори генеологии зот;

б.13. Интихоб ва хостагирии ҷуфтҳои волидайнӣ аз рӯйи авлодҳо;

б.15. Усулҳои зиёд гардонидани саршумори зот бо истифодаи усули ҷуфтикунонии байни зотӣ;

б.16. Омӯзиши расиш ва инкишофи ҷавонаҳои аз усулҳои гуногуни интихоб ва ҷуфтикунони ба даст овардашуда.

**Ҳадафи таҳқиқот.** Баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо истифодаи селексияи дохили зотӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Дар омода кардан ва интихоби дурусти мавзуи таҳқиқот, гузаронидани таҷрибаҳо, иҷрои амалии чорабиниҳои зарурӣ вобаста ба усулҳои мукаммал

гардонии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро муайян намуд, муаллиф усулҳои интихобгардидаи таҳқиқот, ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ – хоҷагидориро оид ба омӯзиши самаранокии мукаммалгардонии дохилизотии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикиро муайян намуда маълумоти бадастовардашудаи таҷрибавиро ба таври оморӣ коркард карда, натиҷаҳои таҳқиқотро дар нашрияҳо инъикос намудааст. Таҳқиқот шахсан аз тарафи муаллиф иҷро гардидааст ва натиҷаи пажуҳиши мустақилонаи ӯ мебошад. Дар тӯли ҳама давраҳои иҷрои таҳқиқот, ки асоси диссертатсияи мазкурро ташкил медиҳад, муаллиф иҷрокунандаи асосӣ буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо**. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот оид ба мукаммалгардонии дохилизотии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷики мувофиқи методикаи таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи чорводорӣ гузаронида шуда, коркард карда, исбот карда шудааст.

Ҳангоми амалигардонии таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ таъсири усулҳои дохилизотии мукаммалгардонии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ омухта шуданд ва бо ин мақсад усулҳои гуногун истифода шуданд. Дар кори таҳқиқотӣ усулҳои зоотехникӣ, биологӣ, ва иқтисодӣ истифода карда шудаанд. Тавсифи муфассали методҳои истифодагардида дар таҳқиқоти анҷомгирифта дар боби «Мавод ва методҳои таҳқиқот» инъикос ёфтаанд.

**Натиҷаҳои беҳтарине, ки унвонҷӯ шахсан ба даст овардааст, навгониҳо ва татбиқи онҳо.**

Бори аввал дар шароити хоҷагии мушаххаси воқеъ дар ҷануби ҷумҳурӣ дар зоти гӯсфандони гӯшту равғану пашмдеҳ мукаммалгардонии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокиии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳо, инчунин самаранокии истифодаи усули мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокӣ ва зотии гӯсфандони ин зот бо селексияи дохилизотӣ ҳаматарафа омӯхта шудааст.

Сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар заводи зотпарварии ба номи Шерназаров ва Парваришгоҳи гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ҳаматарафа омӯхта шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки барои беҳтар кардани сифатҳои зотӣ ва нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ дар шароити минтақаҳои номбаршуда, истифодаи усули селексияи дохилизотӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Муайян карда шуд, ки истифодаи усули селексияи дохили зотӣ ба нишондиҳандаҳои махсулнокӣ ва сифатҳои зотии дар давраи нигоҳубин ва парвариши гӯсфандони ин зот назаррас буда, имконияти баланд бардоштани маҳсулнокии пашмӣ ва зиёд шудани вазни зиндаи гӯсфандон, инчунин сифати баланди маҳсулот шароити мусоид фароҳам меорад. Дар шароити хоҷагиҳои нмбурда имконияти баланд бардоштани

сифатҳои маҳсулнокӣ ва зотии гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикӣ бо истифодаи усули селексияи дохили зотӣ вуҷуд дорад.

**Асолати кори диссертатсионӣ.** Унвонҷӯй маълумотномаи матни аслии автореферати диссертатсияро пешниҳод кард, ки аз тарафи мутахассиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёров М.Р. (01,10,2024) имзо шудааст. Мувофиқи маълумотнома матни аслии автореферати диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ" 88,64%-ро ташкил менамояд. Инчунин маълумотномаи дигар, оид ба асолати диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ", ки аз тарафи мутахассиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёров М.Р (29.09.2024) имзо шудааст асолати он 90,12%- ро ташкил додааст.

**Баён кардани пуррагии маводҳои рисола дар мақолаҳое, ки аз тарафи унвонҷӯй ба табъу нашр расидаанд.**

Доир ба мавзӯи диссертатсия 7 мақолаҳои илмии ба чопрасида инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳуриявии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

Рисолаи илмии Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ аз рӯйи нишондодҳои п. 9 Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба мушарраф гардонидани дараҷаҳои илмӣ", ки аз рӯйи талаботҳои диссертатсияҳои номзадӣ бармеояд, мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ метавонад барои ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод карда шавад.

Комиссия дар асоси банди 69 Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267" тасдиқ гардидааст, барои таъин кардани муқарризони расмӣ чунин тавсия медиҳад:

**Рузибоев Нураддин Раҳимович** – доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.01 – Зотпарварӣ, селексия генетика ва

такрористеҳсолкунии ҳайвоноти кишоварзӣ, профессор мудири шуъбаи Оҳангарони Институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳури Узбекистон;

**Шокирӣ Камолиддин Маҳмадалӣ** - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.10 – Зоотехнияи ҷузъӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, роҳбари ООО “ДиЭйАй Глобал дар Тоҷикистон”.

**Муассисаи пешбар:** Институти илмӣ - таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон, таъин карда шавад

Раиси комиссия
доктори илмҳои кишоварзӣ Эргашев Д.Д.

Аъзоёни комиссия:

Номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов С Қ.

Номзади илмҳои кишоварзӣ Отаева М.